ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзуи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ пешниҳод шудааст.

Диссертатсия аносири жанрҳои публитсистӣ, хусусиятҳои шаклию ороишӣ, қолабҳои эҷодӣ ва вижагиҳои ғоявию мундаричавии нахустрӯзномаи тоҷикии «Бухорои шариф»-ро дар бар гирифтааст. Дар он марҳила ба марҳила шакли муайяни эҷодӣ пайдо намудани жанрҳои хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистию бадеӣ муайян гардида, махсусиятҳои мундаричавӣ, мавзӯӣ, эҷодӣ, ҳунари нигорандагӣ ва қолабҳои эҷоди публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» тахқику таҳлил шудааст.

Аснои пажӯҳиши мавзуъ диссертант тавонистааст доир ба заминаҳои пайдоиши нахустрӯзномаи тоҷикӣ, вазъияти ичтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсию идеологии замони Аморати Бухоро, ҳуҷумҳои идеологӣ, таҳмили ғояҳои шовинистӣ болои ҷомеа ковиши судманд анҷом диҳад. Инчунин, ҳадафҳои муассисон, муҳаррир ва муаллифонро таҳлил намуда, маводи публитсистӣ, мавзуъҳои эҷодӣ ва проблеманокии масъалаҳои эҷодиро аз нигоҳи илмӣ ташхис додааст. Инчунин мавқеи асосии муассисони нашрияро дар ростои таърихситезии аҷнабиён мушаххас намуда, маълумоти амиқи илмӣ ҳосил намудааст. Ин тарзи масъалагузорӣ аҳаммияти мавзӯи диссертатсия ва таҳқиқи онро бозгӯ мекунад.

Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки масъалаи унсурҳои жанрӣ ва шаклкирии жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» дар илми журналистикаи тоҷик то имрӯз мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст доир ба ин масъала пажӯҳиши мукаммал анҷом ёфтааст.

Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ аз 150 шумораи электронии рӯзномаи «Бухорои шариф», осори илмию адабии муҳаккиқони соҳа, маводи таърихӣ ва нашрияҳои даврӣ истифода кардааст.

Пажӯҳиш дар такя ба методҳои маърифати назарӣ ва амалии таҳқиқ – таҳлили муқоисавӣ ва хулосабарориҳои мантиқӣ шакл гирифтааст. Осори назарии донишмандони ватаниву хоричӣ ба мисли Е. Прохоров, В. Учёнова, В. Ворошилов, А. Тертичный, М.Н. Ким, И.К. Усмонов, А.Н. Нуралиев, А.С. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, Ҷ. Саъдуллоев, А. Азимов,

М. Муродов, Ҷ. Муқимов, М. Абдуллозода, Ш. Муллоев ва дигарон сохтори методологии таҳқиқро таъмин намудааст.

Ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқ дар ду боб ва 6 фасл тасниф шуда, дар маҷмӯъ ҷанбаҳои гуногуни масъаларо фаро гирифтааст.

Диссертатсия арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ дошта, барои таҳқиқи масоили таърих ва ташаккули жанрҳои журналистикаи тоҷик судманд аст. Он метавонад барои таҳқиқотҳои ояндаи ин соҳа ҳамчун манбаи илмӣ истифода гардад.

Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби диссертант мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантики ягона мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01. 10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ду китоб инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия фарогири мазмуну мухтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович ягон мавод бе ишора ба сарчашма истифода нашудааст, ки далолат ба риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳо зикр шуда, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Атоев Муҳаммадиқбол Имомудинович дар мавзуи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1.Диссертатсияи Атоев Мухаммадикбол Имомудинович дар мавзуи «Аносири жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Бухорои шариф» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ мухаккиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

Муминҷонов Зулфиддин – доктори илми филология, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии МДТ "Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода";

Раҳимҷон Хушдил – номзади илми филология, сармуҳаррири Муассисаи давлатии маҷаллаи «Илм ва ҳаёт».

3.Муассисаи таълимии байнидавлатии таҳсилоти олии "Донишгоҳи Славянии Русияву Тоҷикистон" ҳамчун муассисаи такриздиҳанда тавсия карда мешавад.

4.Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ:

Узви вобастаи АМИТ, доктори илми филология, профессор, узви шурои диссертатсионӣ — М. Имомзода

Аъзои комиссияи экспертӣ:

доктори илми филология, профессор, узви шурои диссертатсионӣ — Ҷ. Саъдуллоев

доктори илми филология, профессори кафедраи телевизион ва радиошунавонии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон — А. Азимов

«24» декабри соли 2022.